«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
Насриддинзода Э.С.________
«17» феврали соли 2025

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

Дар вақти омода намудани диссертатсия Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ соли 2007 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2012 аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2024, №55-05 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шудааст.

Мавзуи рисолаи номзадии Сайвализода Ҷ.С. санаи 23 декабри соли 2014, №4 (14-15) зери роҳбарии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Сафарзода Бахтовар Амиралӣ дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар Тоҷикистон» дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тасдиқ гардида буд. Бо сабаби Сафири фавқулодда ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Белорус таъйин гардидани доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Сафарзода Бахтовар Амиралӣ бо қарои Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз санаи 30 ноябри соли 2022, №4, роҳбари унвонҷӯ иваз карда шуда, Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва робита бо

ҷомеа, профессор, узви вобастаи АМИТ Насриддинзода Э.С. ба ҳайси роҳбари илмии Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ таъйин карда шуд.

Имтиҳонҳои минимуми номзадӣ дар вақти муқарраршуда аз ҷониби унвонҷӯ супорида шуда, шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои минимуми номзадӣ аз 16 марти соли 2024, №37 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 13 феврали соли 2025, №7 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо, ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия аз ҷониби кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон хулосаи зерин қабул гардид:

- Диссертатсияи Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар Тоҷикистон» ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он аз рӯйи ихтисоси баррасишаванда пурра мутобиқат мекунад.

- Мубрам будани мавзуи пажӯҳиш аз ҷониби унвонҷӯ чунин асоснок гардидааст, ки ҷомеаи муосири ҷаҳонӣ хеле босуръат рушд мекунад, ки ин ба пайдоиши технологияҳои нав, мавҷуд набудани марз дар фазои иттилоотӣ, муҳоҷирати аҳолӣ, раванди манфӣ ва мусбии ҷаҳонишавӣ ва ғайра алоқаманд аст. Тағйироти баамаломада ба шуури одамон таъсир расонида, фаҳму дарки нави онҳоро дар робита ба талабот ва хостаҳои инсонӣ, аз ҷумла, дар соҳаи иҷтимоиву иқтисодӣ ташаккул дода, боиси пайдоиши муносибатҳои нави ҷамъиятие мегардад, ки танзими мувофиқу муосири меъёрҳои ҳуқуқиро талаб мекунанд. Маълум аст, ки дар чунин шароити таҳаввулпазир, ҳуқуқ низ бетағйир монда наметавонад, он такмил ёфта, хусусиятҳои нав пайдо мекунад, то ки муносибатҳои дар ҷомеа мавҷуда дуруст ва сари вақт танзим гардида, имкониятҳои кафолатноки қонеъ гардонидани манфиатҳои инсон ва шаҳрванд фароҳам оварда шаванд.

Ҳамчунин, зарурати омӯзиши масири таҳаввули таърихӣ ва шароити кунунии ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ аз он бармеояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати иҷтимоӣ, ки дар моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, барои андешидани маҷмуи тадбирҳо ҷиҳати рафъ ё кам кардани оқибатҳои манфии хатарҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва мутобиқ кардани шахс ё оилаи ӯ ба шароити нави ҳаёт вазифадор шудааст. Дараҷаи ҳифзи иҷтимоиву иқтисодии аҳолӣ дар давлат аз он вобаста аст, ки механизми таъмини ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар

қонунгузорӣ то чӣ андоза возеҳу мушаххас инъикос шудааст ва таҷрибаи татбиқи ҳуқуқ дар соҳаи дахлдор то кадом андоза самаранок аст. Миқдори зиёди мурофиаҳои судӣ, ки аз муносибатҳои ҳуқуқии иқтисодиву иҷтимоӣ дар солҳои охир бармеоянд, аз самаранокии нокифояи механизми ҳифзи ҳуқуқҳои мавриди назар шаҳодат медиҳанд, ки зарурати такмили онҳоро бо назардошти меъёрҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи пешқадами давлатҳои демократӣ ба миён меоварад. Маълум аст, ки ин кор бе омӯзиши рушду ташаккули низоми ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ғайриимкон аст.

Бинобар таъкиди унвонҷӯ пажӯҳиши мавзуи таҳаввул ва рушди ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар марҳилаи кунунии пешрафти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои бунёдии ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ба шумор меравад. Сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ва адабиёти илмии ҳуқуқшиносӣ шаҳодат медиҳанд, ки то кунун вобаста ба мавзуи матраҳшуда дар илми ҳуқуқшиносии кишварамон таҳқиқоти илмӣ ба ҳадди ангуштшумор анҷом гирифтааст.

Муҳаққиқ мавзуи таҳаввул ва рушди ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсонро бо усулҳои илмӣ таҳлил намуда, асосҳои назариявӣ ва таърихи таҳаввули ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва асосҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва кафолати ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсонро таҳлил карда, нақши онҳоро дар рушди низоми ҳуқуқӣ ва қонунгузории кишвар муҳим арзёбӣ намудааст. Зимни омӯзиш ва таҳқиқоти масъалаи мазкур, унвонҷӯ аз назари илмӣ хулосаҳои судманд намуда, дар заминаи онҳо пешниҳодҳои мушаххас пешкаш кардааст.

Ҳадафи рисолаи илмии унвонҷӯро омӯзиши рушди таърихӣ ва масъалаҳои назарӣ ва амалии ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар заминаи сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ташкил медиҳад.

Барои ноил шудан ба мақсадҳои зикршуда дар таҳқиқот вазифаҳои зерин гузошта шудааст:

- тавсифи хусусиятҳои умумӣ ва асосии ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ;
- баррасии таърихи миллӣ ва байналмилалии ташаккули ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ;
- омӯзиши вазъи кунунии механизмҳои таъмин ва амалисозии ҳуқуқҳои мавриди назар;
- баррасии кафолатҳои ҳифзи ҳуқуқҳои марбута дар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муқаррар кардани ҷойгоҳи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар низоми ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ;
- таҳқиқи ташаккули ҳифзи судии ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар

Тоҷикистони соҳибистиқлол;

- таҳлили асосҳои ҳуқуқӣ ва принсипҳои маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар қонунгузории Тоҷикистон;

- таҳияи пешниҳодҳои асосноки илмӣ дар робита ба такмили меъёрҳои қонунгузорӣ вобаста ба ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар пажӯҳиш муаллиф аз усулҳои умумӣ ва махсус истифода намудааст, ки маъмултарини онҳо усулҳои диалектикӣ, таҳлили низомнок, пешгӯии илмӣ, усулҳои мантиқии мушоҳида, таҳлил, синтез, мантиқӣ-забонӣ, шаклӣ-мантиқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравaнд.

Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсиониро нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо ва таклифҳои муаллиф, ки дар натиҷаи таҳлили илмӣ ва пажӯҳиши таҳаввул ва рушди ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон ба даст омадаанд, ташкил медиҳанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ яке аз аввалин таҳқиқи назариявӣ-таърихии мукаммал, низомнок ва фарогир дар робита ба ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Натиҷаҳои рисоларо метавон дар таълими фанҳои таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, ҳуқуқи инсон, таърихи ҳуқуқи инсон, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мамлакатҳои хориҷӣ, ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ, ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва курсҳои махсуси механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи кӯдак, ҳуқуқи занон, ҳуқуқи гурезагон, ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва навиштани матолиби илмиву пажӯҳишӣ истифода бурд.

- Ҳамзамон, аз ҷониби унвонҷӯ Сайвализода Ҷ.С. як қатор тавсияҳои амалӣ барои мукаммал гардонидани қонунгузории амалкунанда пешниҳод гардидаанд, ки татбиқи онҳо дар амалия аз ҷониби Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу омӯзиш қарор доранд.

- Теъдоди интишороти нашрнамудаи унвонҷӯ ба мазмуну муҳтавои илмии диссертатсия ва автореферати диссиртатсия мутобиқат мекунад.

- Саҳми шахсии муаллифи рисолаи илмӣ бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ мегарданд. Инчунин, сабки навишт, масъалагузорӣ ва шеваи бархӯрд ба таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Диссертатсияи Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар Тоҷикистон» ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдароии диссертатсия ва автореферати диссертатсия қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқ мебошад.

Сохтори диссертатсияи Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ аз номгӯйи ихтосораҳо, мукаддима, 2 боб, 10 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба амали натиҷаҳо, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти илмии довталаб иборат мебошад.

Нуктаҳо ва хулосаҳои диссертатсия бо далелҳои муътамади таърихӣ, адабиёти илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асоснок карда шудаанд ва онҳо дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

- Вобаста ба мавзуи диссертатсия унвонҷӯ 8 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва пурра мазмуни корро инъикос менамоянд.

**1. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

**[1–М].** Қурбонов, Ҷ.С. Асосҳои ҳуқуқӣ ва принсипҳои маҳдудсозии ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон [Матн] / Ҷ.С. Қурбонов // Ҳаётӣ ҳуқуқӣ (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2022. – №4 (40). – С. 103-114. ISSN 2307 – 5198

**[2–М].** Курбонов, Дж. С. К вопросу о судебной защите трудовых прав с иностранным участием [Текст] / Х.Р. Кодиркулов., Дж. С. Қурбонов // Государствоведение и права человека (Научно-практический журнал). – Душанбе, 2022. – №4 (28). – С. 138-150. ISSN ISSN 2414 9217

**[3–М].** Қурбонов, Ҷ.С. Нигоҳе ба вазъи ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиву иқтисодии инсон дар таърихи қадимаи тоҷикон [Матн] / Ҷ.С. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №3. – С. 245-251. ISSN 2413-5151.

**[4–М].** Қурбонов, Ҷ.С. Баъзе масъалаҳои мубрами кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон [Матн] / Ҷ.С. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №8. – С. 235-241. ISSN 2413-5151.

**[5–М].** Қурбонов, Ҷ.С. Таҳкими конститутсионии ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҷ. Саъдизода, Ҷ.С. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №9. – С. 199-207. ISSN 2413-5151.

**2. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[6–М].** Қурбонов, Ҷ.С. Баъзе масъалаҳо оид ба ҳуқуқи ашёӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ [Матн] / И.Б. Исматзода., Ҷ.С. Қурбонов // Маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявии «Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон» бахшида ба таҷлили рӯзи ҳуқуқи инсон – Душанбе, 2023. – С. 610-617.

**[7–М].** Қурбонов, Ҷ.С. Ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ [Матн] / Ҷ.С. Қурбонов // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз» бахшида ба таҷлили рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон – Душанбе, 2022. – С. 232-240.

**[8–М].** Қурбонов, Ҷ.С. Амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои ашёӣ бо унсури хориҷӣ [Матн] / И.Б. Исматзода., Ҷ.С. Қурбонов // Маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявии «Ҳуқуқи инсон: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ» бахшида ба рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» – Душанбе, 2024. – с. 511-518.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ аз ҷониби кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пажӯҳиши анҷомёфта дониста шуда,

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар Тоҷикистон» таҳқиқоти илмӣ, таърихӣ ва назариявӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад.

2. Диссертатсияи Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ 6D.КОА-

018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 13 феврали соли 2025, №7 қабул карда шуд.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: ҳамаги 20 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 20 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

**Раис:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
и.в. мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва
ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ Мирализода И.Қ.

**Котиби ҷаласа:** Азизов С.С.

Имзои Мирализода И.Қ. ва Азизов С.С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«14» феврали 2025